**ХУЛОСАИ**

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**

Парвандаи аттестатсионии № ___

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 21 январи соли 2021, № 3

Барои сазовор донистани Ҷӯраева Замира Гулямовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду», аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду) ба ҳимоя 15 октябри соли 2020, суратҷаласаи № 13, дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2020, № 61) қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ 21 ноябри соли 1964 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 1986 ба шуъбаи ҳиндии факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намудааст.

Аз соли 2015 то имрӯз унвонҷӯи кафедраи филологияи Ҳинди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, алъон дар вазифаи саркотиби илмии шӯроҳои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳамзамон дар вазифаи муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад

Диссертатсия дар кафедраи филологияи Ҳинди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Холов Ҷовид Шодиевич** – доктори илмҳои филологӣ, директори Коллеҷи педагогии ш.Панҷакент.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ғаффорова Замира Абдуллоевна** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи пажуҳиши тамаддуни Шарқи Институти улуми ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Ғафуров

**Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, ба диссертатсия тақризи мусбат даданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ (ш. Душанбе), дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбар Набиев А.М. ва ташхисгар номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбар Муҳаммадиев Ш. имзо гардида, дар тақризи мазкур қайд мегардад, ки диссертатсияи Ҷӯраева З.Г. дар мавзӯи «Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду», аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду) таҳқиқоти илмӣ анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мувофиқат мекунад, мухтавои диссертатсия бо фишурдаҳои он ба забони тоҷикӣ ва русӣ ва мақолаҳои илмие, ки довталаб дар маҷаллаҳо ба табъ расонидааст, мувофиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодгардида мебошад.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллифи 4 маводи чопӣ мебошад, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

[1-М] Ҷӯраева З.Г. Назаре ба осори эпикӣ, достонӣ, қисса ва қисса андар қисса [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). - Душанбе: «Сино», 2016. № 4/7 (217). - С.193-196. - ISSN2413-516X.

[2-М] Ҷӯраева З.Г. Масъалаҳои таҳаввули ҳикояи урду аз нигоҳи баъзе муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). - Душанбе: «Сино», 2020. № 2. - С.170-176. - ISSN2413-516X.

[3-М] Ҷӯраева З.Г. Масъалаи пайдоиши ҳикояи ҷадид дар адабиёти урду [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). - Душанбе: «Сино», 2020. № 3. - С.151-159. - ISSN2413-516X.

[4-М] Ҷӯраева З.Г. Романтизм чун ҷараёни адабӣ дар ҳикояи урду [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). - Душанбе: «Сино», 2020. № 4. - С. 254-261. - ISSN2413-516X.

Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масоили гуногуни адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти Ҳинд, бахусус пажӯҳиши насри Ҳинд алоқамандӣ доранд.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Аз доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров Улмасова З.Ҳ. Тақриз мусбат аст. Эрод надорад.

2. Аз доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Восиева Р.Қ. Тақриз мусбат аст, ба сифати эрод қайд мегардад, ки масалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мушаххастар гарданд; дар баъзе саҳифаҳои автореферат имлои нав сарфи назар шудааст ва ғалатҳо ба назар мерасанд.

3. Аз доктори илмҳои филологӣ, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандаров АМИТ Қаландариён Ҳ.С. Тақриз мусбат аст. Эрод надорад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар натиҷаи иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

Масъалаҳои таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду дар давраи солҳои 1900-1990 **коркард карда шудааст.**

Таҳқиқи рушди ҳикояи урду бо назардошти нишон додани вижагиҳои сабки нависандагони ҳикоянависи ин давра ва мақоми ҳикоя дар адабиёти урду **пешниҳод шудааст.**

**Исбот шудааст, ки** жанри ҳикоя дар шакли мукаммал чун жанри хурди насри бадеӣ дар адабиёти урду ҷойгоҳи хосси хешро пайдо кардааст.

Дар ҳиндшиносии тоҷик бори нахуст таҳаввули жанри ҳикояи урду ва такомули он ба таври монографӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи комил **ҷорӣ гардидааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳои он дар омӯзиши ояндаи раванди таҳаввули жанри ҳикоя дар насри урдуи садсолаи XX ва таърихи адабиёти урду дар ҳамин давра метавонад мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад.

Рисола ба мутахассисон ҳамчун маводи назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи адабиёти урду ёрии амалӣ мерасонад, зеро рисола бо назардошти дидгоҳҳои нави назарӣ оид ба арзёбии осори ҳунарӣ таълифшуда, воқеияти ҳаёти адабии Ҳиндустонро дар давраи мавриди назар таҷассум мекунад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок** усулҳои муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, биографӣ, нигоришӣ ва принсипҳои таърихият ва воқеъбинии илмӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Чун заминаи назариявӣ осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Виқор Азим, Виқор Носирӣ, Накҳат Райхонахон, Қамар Райс, Обида Бегим, Анвар Садид, А. Сухочев, А. Суворова, А.А. Дехтярь, А. Дубянская, Ҳ. Раҷабов ва Ҷ. Холов **омӯхта шуданд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мазмуну мундариҷаи он метавонад дар мавриди таълим ба донишҷӯёни мактабҳои олӣ, мураттабсозии дастуру китобҳои дарсӣ доир ба таърихи адабиёти урдуи асри бист ва ҳамчунин гузаронидани курсҳои махсус ба хотири чукур омӯхтани насри хурди адибони садсолаи бистуми урду чи дар Ҳинд ва чи дар Покистон истифода шавад.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти урду, таърихи адабиётшиносӣ ва накди адабӣ, робитаҳои адабӣ ва иртиботи адабии адабиётҳои гуногунзабони Ҳинд ба кор гирифт.

**Ғояи** диссертатсия дар заминаи ҳикояҳои адибони маъруфи урду Премчанд, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар, Исмат Чиғатой, Масрур Ҷаҳон, ки замони эҷодиашон бо давраи пажуҳиши илмии диссертатсия рост меояд, **асоснок карда шудааст**.

Зимни таҳқиқот асарҳои В.И. Балин, Р. Елизарова, Р. Каюмова, Л.Б. Кибиркштис, Н. Попова, инчунин ҳикояҳои нависандаҳои номбаршуда **истифода шудаанд.**

**Дар диссертатсия** мақом ва мавқеи жанри ҳикоя, бо назардошти иртиботи ғояи бадеӣ дар эҷодиёти адибони шинохтаи урдуи ин давра, ки мавриди пажӯҳишанд, ҳамчунин заминаҳои густариш ва сарчашмаҳои илҳомпазирии жанри ҳикояи урду бо назардошти таърихи пайдоиши он; инъикоси бадеии афкори сиёсӣ ва иҷтимоиву сиёсии ҷомеаи Ҳинд дар

осори адибон, дар мавқеи чорчӯби консепсияи бадеии инсон мавриди таҳқиқоти ҳиндушиносони хориҷӣ ва ватанӣ **муайян карда шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** дар мустақилона гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҷамъоварии маводи мавриди таҳқиқ, пешниҳоди ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ ва нашри 4 мақолаи илмӣ инъикос мегардад.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Ҷӯраева Замира Гулямовна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 20 нафар иштирок доштанд, ки аз ҷумла 8 нафарашон доктороони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 21 нафар ҳайати умумии Шӯрои диссертатсионӣ, овоз доданд: тарафдор - 20, муқобил - нет, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор** **Раҷабов Ҳ.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Дӯстзода Ҳ.Ҷ.**

**21 январи соли 2021**